Тақризи

беруна ба автореферати Сафарова Наргис Сайфуддиновна дар мавзуи “Саидҷон Ҳакимзода ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори ӯ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод гардидааст.

Саидҷон Ҳакимзода(1939-2004) аз зумраи шоирони пешсафи адабиёти муосири тоҷик маҳсуб меёбад ва аз худ 12 маҷмуаи шеърӣ боқӣ гузоштааст. Бо вуҷуди ин ҳаёт ва фаъолияти адабии ин шоири хушсалиқа ҳанӯз таваҷҷуҳи адабиётшиносонро ба худ ҷалб накардааст. Эҷодиёти С. Ҳакимзода тавассути рӯзномаву маҷаллаҳо, маълумотномаҳо ва тақризҳо ба китобҳои алоҳидаи шоир мавриди нақду баррасӣ қарор гирифтаанд. Осори С. Хакимзода ҳанӯз аз интишори нахустмаҷмуаи шоир (“Лолаи сурх”, соли 1964) мавриди таваҷҷуҳи мутахассисон ва суханшинсон гардидааст, вале аксари ин пажуҳишҳо мухтасар ва баъзан такрор буда, шарҳи ҳол, роҳи эҷодӣ ва махсусиятҳои ашъори С.Ҳакимзодаро ба таври мукаммал равшан накардаанд. Бинобар ин, мавзуи интихобнамудаи Сафарова Наргис Сайфуддиновна “Саидҷон Ҳакимзода ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори ӯ”-ро ҳамчун нахустин таҳқиқоти мукаммалу муфассал С.Ҳакимзода ба қалам овард.

Аз автореферати диссертант маълум аст, ки рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳар боб дар навбати худ мувофиқи мундарича ба фаслҳои алоҳида гурӯҳбандӣ шудааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф аз муҳим будани мавзуи таҳқиқ, дараҷаи баррасии он, мақсаду вазифаҳои пажуҳиш, бозёфтҳои илмӣ, метод ва методологияи тадқиқоти илмӣ, арзишҳои амалию назарии диссертатсия ва ҳамчунон масъалаҳои меҳварӣ барои дифоъ маълумот додааст.

Боби аввали диссертатсия “Ҳолнома ва мероси адабии Саидҷон Ҳакимзода” унвон дошта, аз “Зиндагиномаи адиб” ва “Мероси адабии шоир” иборат аст. Ҳамчунин осори публитсистии Саидчон Ҳакимзода низ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Боби дуюми дисертатсия ба ”Мавзуъ ва мундаричаи ғоявии ашъори Саидҷон Ҳакимзода бахшида шуда дар он унвонҷу мавзуъҳои ватан, сулҳу ваҳдат, сарнавишти миллат, худогоҳиву хештаншиносӣ, ишқу муҳаббат, бузургии зан ва модар, рисолати падару модар дар хонавода, қадри фарзанд, панду ҳикмат ва дигар мазоҳири зиндагиро ба хотири дар дилу дидаи хонанда парвардани муҳаббат ба зодгоҳ, самимият ба хонавода, садоқат ба арзишҳои миллӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор додааст.

Баби сеюми диссертатсия “Хусусиятҳои жанрӣ ва сабкии ашъори Саидҷон Ҳакимзода” ном дошта, аз се фасл- “Хусусиятҳои жанрии ашъори шоир”, “Забон ва сабки фардии шоир” ва “Ҳунари шоирии Саидҷон Ҳакимзода” таркиб ёфтааст. Муҳаққиқ дар фаслҳои боби мазкур масъалаҳои жанр, истифодаи имконияту зарфиятҳои забон, сабки фардӣ ва ҳунари шоирии С. Ҳакимзодаро ба қадри тавони худ хуб таҳқиқу баррасӣ намуда, ба хулосаҳои ҷолиби илми расидааст.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсия мазмун ва муҳтавои корро дар бар мегирад. Ҷанбаҳои илмӣ ва методологии кор қавӣ аст.

Бо вуҷуди ин, дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо арзиши диссертатсияро меафзояд:

1. Унвони корро низ тасҳеҳ карндан бад намешуд.
2. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои ҷузъии мантиқи ва техникӣ ба назар расиданд.
3. Дар тарҷумаи матни автореферат низ баъзе номувофиқатӣ мушоҳида гардид.

Камбудиҳои мавҷуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд.

Фишурдаи рисола ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки аксарашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаиКОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мандариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии диссертатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Диссертатсия бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи КОА –и назди Президенти ҶТ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01

- Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор аст.

Номзади илми филология, ходими
пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти
муосири Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Набиев А.

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21
Тел: 935-08-46-08
E-mail: anabavi46@mail.ru

Имзои Набиев А-ро тасдиқ мекунам
Нозири кадри Институти забон ва адабиёти
ба номи А. Рӯдакӣ АМИТ Нарзиқулова Ҳ.М

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21
Тел:227-29-07, 227-75-50
E-mail: iza.rudaki@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.iza.tj
17.09.2022